# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомали дар мавзуи “Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раиси комиссия Н.Д. Маҳмадизода – директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои фалсафа, профессор; аъзоён Ҳ.А. Зайтметов - номзади илмҳои психологӣ, дотсент ва Н.Қ. Абдурашитов – мудири шуъбаи иноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои психологӣ, оид ба қабул намудани диссертатсияи доктори фалсафа PhD, Ғуломзода Сабзали Эмомали дар мавзуи “Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи он муқарар карда шудааст.

Дигаргуншавии тезутунди вазъи сиёсиву иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, бархӯрдҳои хунину харобиовар дар нуқтаҳои гуногуни сайёра, кам гаштани сатҳи таҳаммулпазирӣ миёни намояндагони қавму фарҳангҳо ва динҳои мухталиф, зиёд гаштани миқдори қонунвайронкуниҳо аз ҷониби наврасону ҷавонон – ин маҷмуи нотамоми масъалаву муаммоҳои сарбастаи инсоният дар давраи кунунии таърихӣ маҳсуб меёбад.

Тоҷикистони соҳибистиқлол чун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таъсири душвориҳои болозикр канора буда наметавонад. Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ки Тоҷикистон як ҷузъи таркибии он буд, шикасти арзишҳои одатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он ба мафкураи насли наврас бетаъсир намонд. Зуҳуроти номатлуби “сарварӣ” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муноқишаҳои наврасони муассисаҳои таълимии гуногун миёни ҳам, ки баъзан ҳатто ба ҷароҳат бардоштан ва марги иштирокчиёни он анҷом мепазирад, зиёд гардидани сафи наврасони ҷиноятпеша – аз муаммоҳои ҳалталаб мебошанд, ки назди ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони тозаистиқлол қарор доранд.

Яке аз зуҳуроти муҳими психологӣ, ки метавонад омили бавуҷудой ва шаклгирии амалҳои зуроварона ва рафтори девиантӣ дар кӯдакону наврасон бошад, агрессия маҳсуб меёбад. Дар илми психология агрессия гуфта, хусусияти шахсро дар назар доранд, ки дар истифодаи зӯровариҳои психологию ҷисмонӣ баҳри расидан ба мақсад ифода меёбад. Таҳқиқотҳои доир ба масъалаи агрессия анҷомёфта маъмулан ба ҷанбаҳои зерин бахшида шудаанд:

- ✓ коркарди консепсияи агрессия ва агрессивнокӣ;
- ✓ муайян кардани вазифаҳои агрессия, детерминантҳои биологӣ ва иҷтимоии агрессия, шароитҳое, ки зуҳуроти агрессияро бавуҷуд меоварад;
- ✓ муайян намудани хусусиятҳои фардӣ ва ҷинсиву синнусолии рафтори агрессивӣ ва роҳҳои пешгиринамоии онҳо.

То имрӯз дар психология заминаи ғании таҳқиқотӣ ҷамъ оварда шудааст, ки дар он нақши оила, муносибатҳои кӯдак ва волидон дар ташаккули агрессия, нақши таъсири тарбиявӣ, пеш аз ҳама, ҷазо дар зуҳуроти агрессия дар кӯдак таҳлил карда шудааст. Баҳо дода шудааст, ки хусусиятҳои агрессияи наврасон, ки одатан метавонанд, аксуламалҳои вобаста ба синну сол бошанд ва умуман, муносибатро бо дигарон халалдор накунанд.

Таҳлили назариявии таҳқиқоти ба масъалаи мавриди назар бахшидашуда нишон дод, ки дар адабиёти хориҷӣ мавзуи агрессия ва агрессивнокӣ васеъ муҳокима мегардад: миқдори зиёди консепсияҳои назариявӣ офарида шудаанд, таҳқиқоти сершумори озмоишӣ гузаронида шудааст, ки ба ошкор намудани сабабҳо ва омилҳои мусоидаткунандаи зуҳуроти рафтори агрессивии кӯдакону наврасон равона гардидаанд. Масъалаҳои алоқамандӣ миёни муносибати волидон ба амалҳои агрессивии фарзандони худ ва рафтори агрессивона аз ҷониби фарзандон ва инчунин алоқамандии байниҳамӣ миёни хушунат ва рафтори девиантӣ ба хубӣ таҳқиқ гардидаанд. Самти дигари муҳим, ки мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст, ин алоқамандии байниҳамии рафтори агрессивии кӯдакон бо дараҷаи инкишофи зеҳнӣ ва инчунин фарқиятҳои гендерии намуд ва дараҷаҳои агрессия дар кӯдакону наврасон мебошад.

Хулоса, доираи масоили зикргардида мубрамияти мавзуи диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомалиро собит месозанд.

*Дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомали комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:*

1. Диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомали дар мавзуи “Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо” тибқи талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажуҳиши ҳамаҷонибаи психологияи муосирро дар самти таҳқиқи психологии рафтори агрессивӣ дар байни наврасонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе фаро мегирад.

2. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар фаъолияти институтҳои шахсиятсозӣ, ба роҳ мондани корҳои маърифатӣ ва фаҳмондадиҳи дар байни аҳолии шаҳри Душанбе дар самти тобиш бахшидан ба муносибатҳои иҷтимоӣ, раванди таълиму тарбия ва ислоҳи рафтори наврасону ҷавонон метавон истифода кард.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон 15 уми июли соли 2024 таҳти № 223/шд хуқуки қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳкиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳкиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 5 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар теъдоди 3 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ғуломзода Сабзалӣ Эмомали, истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровадра шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (дотсентӣ, профессорӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

6. Рисола ба талаботи банди 31-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

7. Таҳқиқоти диссертатсионии Ғуломзода Сабзали Эмомали дар мавзуи "Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии тахкиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ мувофиқанд.

Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61 Низомномаи "Шурои диссертатсионӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба, махсусан мазмуну мундариҷа ва мақсади таҳқиқот ҳайати комиссияи ташхисӣ ба хулоса омаданд, ки мавзуи диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомали ба мақсад мувофиқ буда барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомали, дар мавзуи "Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Назаров Акмал Мардонович** – доктори илмҳои психологӣ профессор, мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро.
2. **Абдураҳмонов Гулруз Нурмаҳмадович** – номзади илмҳои психологӣ, муаллими калони кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.
3. **Ба ҳайси муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия карда мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор Н.Д. Маҳмадизода

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои психологӣ, дотсент Х.А. Зайтметов
номзади илмҳои психологӣ Н.Ф. Абдурашитов

*"Имзои Н.Д.Маҳмадизодаро тасдиқ менамоям.*
Мудири шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдураҳмонзода Б.
"18" сентябри соли 2025

*"Имзои Х.А.Зайтметовро тасдиқ менамоям.*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров Сайдуллозода З.С
"18" сентябр соли 2025

*"Имзои Н.Ф.Абдурашитовро тасдиқ менамоям.*
Нозири кадр ва коргузории Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Саидова М
"18" сентябр соли 2025